Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд.102, E-mail: 6d.koa-003@mail.ru)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ - н.и.и., муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ Ҳукматов Д.Ҷ. ба кори диссертатсионии Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи кори диссертатсионии мазкур ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), мутобиқ мебошад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоравӣ, андоз ва ғ.) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун, 1.10. Назария ва методологияи буҷасозӣ, 1.13. Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ, 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат), 3.2. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат, 3.9. Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Парандапарварӣ, яке аз соҳаи афзалиятноки чорводорӣ ба шумор рафта, дар таъмини аҳолии мамлакат бо ғизои сафедадор саҳми назаррас дорад. Ташаккул ва рушди оянддаи соҳаи парандапарварӣ, пеш аз ҳама, аз татбиқи амалии нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои “Паём”-ҳои Президенти кишвар робитаи зич дорад. Дар замони соҳибистиқлолӣ, дар асоси дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, то ба имрӯз, барои ба кор андохтани иқтидорҳои нав дар соҳаи парандапарварӣ, ҳамзамон ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот, тақвияти имкониятҳои содиротии кишвар ва умуман, дар самти иҷрои барномаҳои стратегии мамлакат тадбирҳои судманд амалӣ гардидаанд.

Дар натиҷаи амалкарди сиёсати бомароми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаҳои парандапарварӣ, инчунин фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ имкон фароҳам овард, ки раванди истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ дар мамлакат густариш пайдо карда, дар ин замина, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шумораи ҷойҳои нави корӣ мунтазам афзоиш ёбад. Масалан, соли 2023, дар ҷумҳурӣ 228 адад корхонаҳои паррандапарварӣ фаъолият менамуд, ки дар муқоиса бо соли 2022, 10 адад зиёд мебошад.

Новобаста аз рушди ботадриҷи соҳаи парандапарварӣ дар кишвари мо то ҳанӯз камбудиҳо дар самти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати иқтисодӣ ба назар мерасад. Бинобар ин, дар шароити кунуни ташкили самараноки баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, ҳамчун механизми дохилихоҷагии таъмини манфиатбахши иқтисодӣ, рушди корхонаҳои парандапарварӣ асоснок гардида, аз мубраммият ва зарурати таҳқиқоти диссертатсионии мазкур шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия натиҷаҳои арзишмандтарини таҳқиқот, ки ба ҳайси навгонии илмӣ муаррифӣ гаштаанд, инҳоанд:

Муаллиф дар қадами аввал бо истифода аз адабиёти илмии соҳавӣ мафҳуми «дороиҳои биологӣ»-ро дар диду нигоҳи нав таҳқиқ намуда, таърифи бунёдии онро пешниҳод намудааст. Таснифоти дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ аз рӯйи чандин аломатҳо асоснок карда шудааст, ки фарогири унсурҳои зерин мебошад: вобаста аз намуди паранда; -аз рӯйи самт; -аз рӯйи усули истифодабарӣ; -аз рӯйи давраҳои иштирок дар ҷараёни хоҷагидорӣ; -аз рӯйи гурӯҳбандӣ вобаста ба синну сол; -аз рӯйи методикаи баҳодиҳии арзиши онҳо; -аз рӯйи муҳлати истифодабарӣ; -аз рӯйи тавсифи инъикос кардани истеҳлок; -аз рӯйи ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ; -вобаста аз мақсади истифодабарӣ; -аз рӯйи идора намудани таваккалҳо.

Дар қадами дуюм, хусусиятҳои ташкилию технологии хоҷагии парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсири муҳим мерасонанд, муайян карда шуда, ҳамзамон тартиби баҳисобгирии хароҷот, интихоби усулҳои баҳисобгирӣ, тақсимбандии хароҷоти барилова, таркибу номгӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ ошкор ва асоснок карда шудааст.

Муҳаққиқ бо истифода аз пажуҳиши мукаммали илмӣ мавқеи назорати дохилиро дар низоми идоракунии корхонаи парандапарварӣ ба

таҳқиқ расонида, таърифҳои мафҳумӣ ва усулии мукаммалгардидаи «назорати дохилӣ»-ро дар назарияи илмии муосир пешниҳод кардааст. Назорати дохилӣ-унсури низоми идоракунии корхона буда, бо ёрии он мақомоти идоракунию кормандони ширкат менеҷменти босифат ва оқилонаро тавассути ошкорсозии тамоюлҳо аз натиҷаҳои эҳтимолӣ дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо, ҷараёнҳо кафолат дода, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилию беруна, таъмини самарабахшии фаъолият, инчунин риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрии танзимкунанда пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ коркард ва асоснок карда шудааст.

Дар доираи муқаррароти мазкур ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ, муайянкунии арзиши тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ, мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ коркард гардида, бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаҳои парандапарварӣ дар ҳисоби куллии 10751 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» кушодани ҳисобҳои таҳлилӣ асоснок карда шуда, тартиби инъикоси амалиётҳо нишон дода шудааст. Вобаста ба ин, модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва иловагии (дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа) соҳаи парандапарварӣ коркард карда шудааст.

Навгонии ҷолибе, ки аз ҷониби муҳаққиқ барои ҳимоя пешкаш гардидааст, технологияи буҷетикунонии ҷараёни шакливазкунии биологӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ ҳамчун воситаи муассири баҳисобгирӣ ва назорати дохилии асоснокшуда мебошад, ки дар он стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхонаҳои парандапарварӣ таҳия гардида, бо дарназардошти нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саршумори парандагон (тухм, гӯшт, афзоиши вазни зинда) буҷети истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ пешниҳод карда шудааст.

Нуқтаи назари арзишманди кори диссертатсионии мазкур роҳҳои рушди методикаи баҳисобгирӣ, назоратии дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои парандапарвар, инчунин, мукаммалсозии шаклҳои ҳуҷҷатгузории ибтидоию аналитикӣ (ҷузъи), баҳисобгирӣ коркард ва асоснок намудани онҳоро дар бар мегирад.

**Тафсифи умумии кори диссертатсионӣ.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, сохтор ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат

мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 218 саҳифаи матни компютерӣ омода гардида, дорои 14 ҷадвал ва 8 расм мебошад.

Дар қисмати муқаддимави кори илмӣ, мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи таҳқиқот бо дигар барномаҳои илмӣ баррасӣ гардидааст.

Дар қисмати «Тавсифи умумии таҳқиқот» мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ, фарзия, асосҳои назариявӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, пойгоҳ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шуда, сарчашмаи маълумот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он таҷассум ёфтааст.

Боби якум ба **«Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ»** ном гирифта, дар он ҷабҳаҳои назариявии дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар соҳаи парандапарварӣ, хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварию ташкили баҳисобгирӣ, инчунин, мавқеи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Диссертант ҷаҳд кардааст, ки дар зербоби 1.1 ҷабҳаҳои назариявии дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар соҳаи парандапарвариро омӯхта, хулосаи амиқи илмиро ҷамъбаст намояд ва фаҳмиши худро низ оид ба ин масъала чун муҳаққиқи пажуҳишгар баён кунад.

Дар ин қисмати таҳқиқот унвонҷӯ дар заминаи баррасии адабиёти илмии соҳавӣ таърифи дороиҳои биологиро дар таҳрири тоза пешниҳод намудааст, ки чунин аст: дороиҳои биологӣ тамоми маҷмуи организмҳои зиндаи хоҷагии қишлоқ, ки дар ҷараёни шакливазкунии биологӣ зери таъсири ҷараёнҳои генетикӣ ба миён омада, ба монанди афзоиши сатҳи истеҳсолот, такрористеҳсолшавӣ ва якҷояшавӣ имконияти додани дороиҳои биологии алтернативӣ ва ё маҳсулот (маҳсулоти тайёр барои истеъмол ва ё коркард дар оянда) доранд, ва дар ҷараёни истифода аз онҳо дигар намуди маҳсулот, фоидаи имконпазир гирифта шавад ва ё онҳо сарчашмаи боигарии миллии кишвар гарданд, ифода мекунад (саҳ. 15-16).

Таҳлили андешаи олимон ва муҳаққиқони соҳаи ҳисобдорӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки дороиҳои биологиро аз рӯйи аломати мухталиф гурӯҳбандӣ карда, таснифоти муосири парандаҳоро ҳамчун дороии биологӣ дар намуди расм пешниҳод намояд (саҳ. 16).

Дар ин зербоб, муаллиф бо истифода аз таҳқиқоти мукаммали илмӣ қайд менамояд, ки аксари корхонаҳои парандапарварӣ мурғонро

ҳамчун дороиҳои биологии дарозмуддат эътироф намекунанд ва истеҳлок ҳисоб намекунанд. Ӯ дар робита ба ин, ба корхонаҳои парандапарварӣ пешниҳод менамояд, ки бо мақсади аз зарар эмин мондан, ҳангоми ба фурӯш баровардани мурғони наслдиҳанда ва саноатӣ дар сиёсати баҳисобгирии худ «истеҳлоки сунъӣ»-и мурғи бавоярасидаро ба назар гирифта, ҳар моҳ як қисми нархи онҳоро ба арзиши аслии тухмҳои инкубатсионӣ ва тухмҳои истеъмолӣ илова карда, аз эътибор соқит кунанд (саҳ. 25).

Рисоланавис дар асоси омӯзиши таҳқиқоти то имрӯз гузарондашуда, омилҳои мухталифи ба ҷараёни тағйирёбии биологӣ таъсиргузорро ба таҳқиқ расонида, марҳилаҳои тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарвариро дар шакл расм баррасӣ кардааст, ки ба рушди соҳаи парандапарварӣ заминаи созгор ба вуҷуд меорад (саҳ. 28-29). Ҳамчунин, унвонҷӯ дар зербоби 1.2 ба таъсири хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ва ташкили босамари баҳисобгирии он диққати хосса дода, динамикаи саршумори парандаро аз рӯйи категорияи хоҷагидорӣ (ҷадвали 1.2.1) ба риштаи таҳлил кашида, ҷараёни технологӣ дар раванди парандапарварӣ (расми 1.2.1) ва махсусияти технологию ташкилии ин соҳа, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсир мерасонанд (ҷадвали 1.2.2), мушаххас пешниҳод намудааст.

Таҳқиқотчии мавзуъ дар зебоби мазкур кори зиёдеро анҷом дода, ба чунин хулоса меояд, ки номгӯйи объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти ҳар корхона бояд, объекти баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкуниро тибқи сиёсати бомароми баҳисобгирии муҳосибӣ мустақилона ба таҳқиқ расонад. Ӯ ба он назар аст, ки ҳамаи махсусиятҳои баҳисобгирии соҳаи паррандапарварӣ бо ҳамдигар алоқаманд буда, яке дигареро мукаммал гардонида, ҷудо намудани ҷараёни технологии истеҳсолии якхела ва хароҷоти таъиноти якҷинсадоштаро таъмин мекунанд (саҳ. 48).

Унвонҷӯ дар зербоби 1.3 ба ҷойгоҳи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ диққати махсус дода, модели ташкили назорати дохилии тағйирёбии биологиро дар самти парандапарварӣ иборат аз ду бахш: субъект ва объекти назорати дохилӣ бо тамоми ҷузъиёташ пешниҳод кардааст, ки қобили корбарии минбаъда мебошад. (саҳ. 67).

Муҳаққиқи рисолаи мазкур ба он назар аст, ки вазифаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ вобаста аз хусусияти корхона, мукаммалии сохтори истеҳсолии он, давраҳои такрористеҳсол ва истеҳсолот корбаст мегардад. Ӯ бартарафсозии муаммоҳое, ки дар оянда

ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои паррандапарвар таъсири манфирасонро аз пурзӯр намудани назорати дохилӣ унвон медиҳад (саҳ. 68-69).

Боби дуюми диссертатсия **«Баҳодиҳии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ»** номгузорӣ гардида, дар он муаммоҳои тасниф ва ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти парандапарварӣ, масъалаҳои такомули методикаи ҳуҷҷаткунонӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа, методикаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби 2.1 муаллиф ба хулосаи амиқ омада, иброз менамояд, ки дар шароити муосир объекти баҳисобгирии хароҷотро ҳамчун маҷмуи гурӯҳҳои ҳайвонот дида баромадан, комилан дуруст нест, махсусан, ин ба корхонаҳои парандапарварӣ тааллуқ дорад. Барои ҳамин ҳам, имрӯз олимони соҳаи иқтисодӣ дар пажуҳишҳои худ ҳангоми муайян кардани объектҳои баҳисобгирии хароҷот ба сифати объект на танҳо намудҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи чорво ва маҳсулотро ҷудо мекунанд, балки инчунин сегментҳои ҷудогонаи корхонаро низ ҷудо менамоянд (саҳ. 75).

Ҳамзамон, дар ин қимати кори илмӣ пажуҳишгар модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарвариро иборат аз се унсури асосӣ пешниҳод кардааст, ки лоиқи дастгирист (саҳ. 80).

Дар зербоби 2.2 муаллиф асоснок менамояд, ки дар шароити муосир рушди соҳаи парандапарварӣ то ҳадде аз такмили методикаи ҳуҷҷатикунонӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷоти истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин гуфтаҳо, унвонҷӯ ба хулоса ҷолиб омада, қайд менамояд, ки зарурияти ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ ва эътимоднокии инъикоси баҳисобгирии қабули тухми паранда дар корхонаҳои парандапарварӣ бо назардошти махсусияти соҳавӣ ва дар заминаи низоми қонунгузории амалкунанда ва амалияи пешқадам ба миён омадааст, ки барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин: омӯхтани моҳияти иқтисодии тухми мурғ ҳамчун маҳсулоти тайёр, ҳуҷҷатикунонии қабули тухм дар фабрикаҳои мурғпарварии гуногун намуд ва ҳаҷми маҳсулоти мухталиф, баҳодиҳии тухм аз рӯйи қонунгузории ҷорию таҷрибаи пешқадам ва инъикоси қабули тухм дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро зарур мешуморад (саҳ. 87).

Илова бар ин, муаллиф дар ин зербоб таснифи тухм аз тӯдаҳои мурғҳои саноатӣ (расми 2.2.1, саҳ. 89), таснифи тухм аз тӯдаи волидайн (расми 2.2.2, саҳ. 90) ва модели баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии тухми мурғро (расми 2.2.3, саҳ. 97) дар шакли расм пешниҳод кардааст, ки барои инкишофи соҳаи парандапарварӣ заминаи мусоид муҳайё месозад.

Дар зербоби 2.3 калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ гузаронда шудааст. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки тартиб ва пайпарпайии муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ (расми 2.3.1), номгӯи объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ (ҷадвали 2.3.2), номгӯи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсионӣ дар парандапарварӣ (ҷадвали 2.3.2), ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъӣ дар парандапарварӣ (ҷадвали 2.3.3) ва тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯйи ҳар як гурӯҳи технологиро (ҷадвали 2.3.4) мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Боби сеюм, ба **«Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ»** бахшида шуда, дар ин қисмати таҳқиқот роҳҳои мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ муайян карда шуда, методикаи назорати дохилӣ дар парандапарварӣ ва буҷетикунонии чараёни тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Дар зербоби 3.1 муаллиф бо истифода аз адабиёти илмии соҳавӣ ва амалияи муосири ҳисобдорӣ самтҳои асосии мукаммалгардонии таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарвариро ба таҳқиқ расонидааст, ки татбиқи амалии он рушди ботадриҷаи корхонаҳои парандапарварии ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, муаллиф дар он ақида аст, ки дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои ҳисобдорӣ таъминоти иттилоотӣ яке аз элементи асосии назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ маҳсуб ёфта, инкишофи он ба самаранок гардидани истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа боис мегардад (саҳ. 125).

Таҳқиқоти анҷомдодашудаи муаллиф дар зербоби 3.2 собит менамояд, ки аз дуруст ва дақиқ ҷудо намудани намудҳои фаъолият ба сегментҳо пешбурди баҳисобгирии сегментӣ, ҳисоботи сегментӣ, самаранокии гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, ба ақидаи унвонҷӯ назорати дохилии сегментӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ бояд, тамоми сегментҳои фаъолиятро аз рӯйи зинаҳои гурӯҳбандии сегментии шаклҳои фаъолият фаро гирифта, бо низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ алоқаи мутақобила дошта бошад (саҳ. 142). Инчунин, дар зербоби мазкур ҳуҷҷати кории назорати дохилии хароҷот, даромад ва фоида аз рӯйи сегментҳо ва нишондиҳандаҳои назоратӣ аз рӯйи марказҳои масъулият дар назарияи илмии тоза пешниҳод карда шудааст, ки боиси дастгирист (саҳ. 147-148).

Дар зербоби 3.3 назарияи олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми илмии «буҷетикунонӣ» дар шакли расм гурӯҳбандӣ гардида (ҷадвали 3.3.1), истилоҳи буҷетикунонӣ аз ҷониби муаллиф дар диди нав илман, асоснок карда шудааст: «Буҷетикунонӣ-ин унсури мустақими низоми баҳисобгирии идоракунӣ буда, ҷараёни боҳамалоқаманди банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти ҳам зерсохторҳо ва ҳам корхонаро дар маҷмуъ тавсиф намуда, назорати иҷроиши буҷетро бо роҳи ошкор ва таҳлил намудани майлкуниҳо ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ ифода менамояд» (саҳ. 158-160).

Дар бахши хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, пешниҳод гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертант, бо истифода аз таҳқиқоти мувофиқ як қатор муаммоҳои назариявию амалии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологиро дар соҳаи парандапарварӣ ҳаллу фасл намудааст. Масалан, таснифоти ҷадиди дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таҳқиқи ҷойгоҳи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои парандапарвар, паҳлӯҳои назариявии ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот дар парандапарварӣ, такмили равиши ҳуҷҷатикунонӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷот дар истеҳсоли маҳсулоти паранда, калкулятсиятсиякунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ, самтҳои мукаммалгардонии таъминоти баҳисобгирии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ, ташаккули методикаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ ва буҷетикунонии раванди тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳа мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои асосии рисолаи илмии мазкур аз асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди пешниҳоди амалӣ оид ба ташкили самарабахши баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ ва инчунин бо гузаронидани озмоиш, саҳеҳии иттилоот, басандагии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлил ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бояд, чунин арзёбӣ намуд, ки муаллифи кори диссертатсионӣ Манучеҳри Н.Р. барои ноил шуданаш, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот тавассути усулҳои муосири муҳосибӣ, пешгӯикунии равандҳои иқтисодӣ, монографӣ, иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ,

абстрактӣ-мантиқӣ, таҷрибавӣ ва кор бо адабиёти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ба дастоварди арзишманди илмӣ шарафёб гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ-амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти илмии тақиқот** дар он аст, ки муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳиягардидаро метавон, ҳамчун саҳми назаррас дар рушди такмили ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ эътироф кард. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар самти таҳия ва татбиқи низоми баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологии хоҷагиҳои парандапарварӣ имконият фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти амалии тақиқоти** диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муқаррарот ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия пешниҳодгардида, метавонанд, аз ҷониби маъмурияти корхонаҳои парандапарварӣ барои ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ бо мақсади таъмини ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии корхонаҳо ба кор бурда шаванд. Татбиқи амалии муқаррароти таҳиягардида, имкон медиҳад, ки самаранокии низомҳои баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ баланд бардошта шавад. Инчунин, дар диссертатсия рушди методикаи назорати дохилии соҳаи парандапарварӣ дар дидгоҳи нав пешбинӣ гардидааст, ки он ба баланд шудани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагиҳои парандапарварӣ замина гузошта метавонад.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд, ба такомули низоми баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ таъсири мусбӣ расонида, самаранокии қабули қарорҳои идоракуниро аз тарафи роҳбарияти корхонаҳои мазкур таъмин намоянд. Инчунин, барои сарфа кардани вақт ва хароҷот ҷиҳати пешбурди баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ мусоидат намояд.

**Аҳаммияти иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки қабули қарорҳои идоракунии самаранок дар асоси иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ имконият медиҳад, ки дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ дар шароити рақобат бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои парандапарварӣ, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти паранда, коҳиш ёфтани нарх, ҷойҳои нави корӣ, некуаҳволии мардум ва ниҳоят ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар таъсири мусбат расонад.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Ҳамаи марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва

мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Инчунин, унвонҷӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, дар такмили ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ саҳми арзанда гузоштааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз ин теъдод 6-тои он дар нашриётҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, мансубият дорад. Мақолаҳои нашршуда, мазмуни асосии диссертатсия ва автореферати онро фарогир мебошанд.

Натиҷаҳои арзишманди таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҷрибаи фаъолияти корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон», ташкилоти аудиторию консалтингии ҶДММ «Тоҷик Аудит Сервис» ва факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур амалӣ гардида, бо санади мушаххас тасдиқ гардидаанд. Ҳамин тавр, мо эътимод ба он дорем, ки рисолаи илмии тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбӣ дар диссертатсия ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки ба эътибор гирифтани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи диссертант амри зарурӣ мебошанд:

1. Муҳиммияти мавзуи дисссртатсия бо факту рақамҳои воқеӣ ва стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешуд, бисёр бамаврид мебуд.
2. Дар қисмати назариявии таҳқиқот унвонҷӯ аз андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ба таври зарурӣ истифода карда, мутаассифона дар ин қисмати таҳқиқот фикри мулоҳизаҳои ӯ дар мавриди масоили баррасишаванда нисбатан, камтар ба мушоҳида мерасад.
3. Дар саҳифаи 29-и рисола «Давраҳои тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ» дар шакли расм баррасӣ гардида, аммо ҳудуди он ба таври бояду шояд шарҳ дода нашудааст.
4. Дар диссертатсия баъзе хатоиҳои услубӣ, техникии иқтибосоварӣ ва ороиши ҷадвалу расмҳо ба чашм мерасад, ки бартараф кардани он қимати кори иҷрошударо боло мебарад.

Маврид ба қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро коста намекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021)**

Кори дисссртатсионии Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ» таҳқиқоти илмии баитмомрасида маҳсуб ёфта, навгониҳои илмии ба даст овардаи ӯ муҳим ва дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошанд.

Автореферати кори диссертатсионӣ фишурдаи таҳқиқоти анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дар он талаботи меъёрӣ пурра риоя гардида, мазмуни мухтасари рисолаи илмӣ дар он баён гардидааст ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021) пурра мутобиқат мекунад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмии хотимаёфта ба ҳисоб рафта, дорои пешниҳодҳои муфиди илмию амалӣ оид ба ташкили босамари баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мебошад.

Бинобар ин, арзанда аст, ки муаллифи диссертатсияи мазкур Манучеҳри Нозимии Раҷабзода ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) шарафёб гардад.

**Муқарризи расмӣ:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи**
**баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ,** **Ҳукматов Д.Ҷ.**

Имзои Ҳукматов Д.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

*30 январи соли 2025*

(Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, sohibkortvt@mail.ru, тел. (+992) 919111164).